# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таркиби луғавии ин ё он забон аз қабатҳои мухталифи луғавӣ иборатанд, ки яке аз ин қабатҳои луғавиро диалектизмҳои забони тоҷикӣ фаро мегирад. Аз ин ҷиҳат омӯзишу таҳқиқ ва баррасии диалектизмҳо дар забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳимму мубрами замони муосир маҳсуб ёфта, диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи **«Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон»** ба таҳқиқи ҳамин мавзуъ равона гардидааст.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар ин аст, ки муаллиф кӯшидааст бори нахуст ба мақоми диалектизмҳо, анвои онҳо, омилҳои роҳ ёфтанашон ба забони асари бадеӣ, мақсадҳои услубию фардии адибон дар офаридани образҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталиф, нишон додани муколамаи байни персонажҳоро дар заминаи маводи асарҳои насрии адиби шинохтаи тоҷик – Сорбон, ки интихобу истеъмоли калимаҳои лаҳҷавии осори ӯ дар робита ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун аст, муайян намудааст.

Бояд таъкид кард, ки то ҳол оид ба ин мавзуъ ягон кори таҳқиқотии илмии густурда таълиф нагардидааст. Танҳо баъзе қайду ишораҳоро дар осори илмии олимону муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ пайдо кардан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки омӯзиш, таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ, баромади таърихӣ ва ҷиҳатҳои сохтории диалектизмҳо дар осори Сорбон дар забоншиносии ватанӣ муҳим мебошад.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёту замимаҳо таркиб ёфта, дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳо, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми рисола **«Диалектизмҳо, мафҳум, таъинот ва зарурати истифодаи онҳо дар асарҳои Сорбон»** ном дошта, аз чор фаслу чор зерфасл иборат мебошад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таснифоти диалектизмҳо ва таҳқиқи луғавию маъноии онҳо дар осори Сорбон»** унвон дошта, аз чор фаслу се зерфасл таркиб ёфтааст, мушаххас гардидааст, ки диалектизмҳо монанди калимаҳои забони адабӣ дар вазъи таҳаввулот ва нашъунамои мудом қарор дорад.

Боби сеюми рисола **«Гурӯҳбандии мавзуии диалектизмҳо ва хусусиятҳои луғавию семантикии онҳо дар осори Сорбон»** номгузорӣ шуда, аз се фаслу се зерфасл иборат буда, фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» ном гирифта, доир ба инъикоси ҳодисаву воқеаҳо дар осори Сорбон бо истифода аз калимаҳои умумихалқӣ ва диалектизмҳои маҳаллӣ хеле гуногунранг сурат гирифтааст

Бояд қайд кард, ки бештари диалектизмҳои сифатии баррасигашта ҳам дар нутқи персонажҳо ва ҳам дар нутқи тасвирии нависанда истифода шуда, ҷиҳати образнокии тасвир, таъмини воқеияти рӯйдодҳо, фардикунонии нутқи иштирокчиёни воқеаҳо дар романҳои Сорбон мусоидат кардаанд.

Дар хулосаи рисола муаллиф натиҷаҳои тадҳқиқотиашро дар 16 банд ҷамъбаст намудааст.

Дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Забони автореферат равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад (саҳ. 12, 19).

2. Баъзе ғалатҳои услубӣ, имлой ва техникӣ (саҳ. 3, 7, 9, 13, 17) ба мушоҳида расид.

Дар маҷмуъ, эродҳо ва камбудиҳои мазкур моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам намегардонанд ва онҳоислоҳшаванда мебошанд.

Дар асоси ҳамин гуфтаҳо метавон ба натиҷае расид, ки кори таҳқиқотии Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи **«Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон»** таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, автореферати он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, асару мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва фарогири мавзуи диссертатсия мебошанд.

Хулоса, автореферати рисолаи номзадии Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забон ва
адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович
Тел: +992902444485

Суроға; 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
Тел: +992902444485

Имзои н.и.ф., муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Раҳмоналиев Ҷ.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**«27»-уми майи соли 2024**